*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон бо суроғаи ш. Душанбе,734067,*
*кӯчаи Нахимов, 64/4*

# *ТАҚРИЗ*

***ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Тешаев Мирзошариф Саидҷафарович дар мавзӯи “Механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа (дар мисоли заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст .***

Таҳлили автореферат нишон дод, ки мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия нишондода дуруст ба роҳ монда шудаанд ва онҳо метавонанд вазъи кунунии равандҳои соҳаро беҳтар созанд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки таҳлили вазъи ҳозираи захираҳои заминҳои кишоварзӣ, бахусус, заминҳои обёришаванда дар минтақаҳои кишвар нишон медиҳад, ки тағйироти манфӣ дар вазъи экологӣ ва беҳдошти муҳити зист ба чашм мерасад. Ҳоло дар 60% заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ҷараёни эрозияи хок мушоҳида карда шуда, шӯршавии заминҳои обёришаванда дар 190 ҳазор га ва дар 23%-и он баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ мушоҳида мегардад. Арзиши зарари ҷамъоварии ҳосили пахта аз ҳар як га ба 1,5 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Чунин раванд ба пастшавии ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, ифлосшавии заминҳои обёришаванда ва дар ниҳояти кор ба сатҳи пасти таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар боис мегардад.

Бартарии дигари автореферати муаллиф дар он зоҳир мешавад, ки таърифҳои механизми ташкилӣ-иктисодӣ дар истифодаи самараноки заминҳои обёришвандаи минтақа аз нигоҳи олимони ватанӣ ва хориҷӣ васеътар шаҳр дода шуда, тариқи ҷадвал нишон дода шудааст.

Диссертант дар назди худ мақсад гузоштааст, ки ҷиҳати таҳқиқу тавсеаи ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва пешниҳодоти аз нигоҳи илмию амалӣ асоснокгардида оид ба механизми ташкилӣ-иктисодӣ дар истифодаи самараноки заминҳои обёришвандаи дар шароити муосир навгониҳои илмии худро пешниҳод кунад.

Диссертант дар автореферати худ иброз медорад, ки агар ба истифодаи захираҳои заминҳои обёришаванда дар минтақаҳо назар афканем, ин ҷо сухан, пеш аз ҳама, ба масъалаи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва иқтидори мелиоративӣ-ирригатсионӣ меравад. Дар ҳақиқат, дараҷаи баланди таъмини заминҳои обёришаванда дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба тараққиёти интенсивии заминҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд. Заминҳои обёришаванда дар навбати худ 13%-и заминҳои кишти кишоварзиро ташкил дода, истеҳсоли то 90%-и маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзиро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ташаккул ва рушди механизми ташкилӣ-иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо дигар

омилҳо барои истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақаҳои кишвар муҳим арзёбӣ мегардад (саҳ.11).

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд. Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасонанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқи ояндаи муаллиф самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар таҳия кардани модели консептуалӣ ба муаллифи диссертатсия лозим меояд, ки модели мазкурро дар асоси кадом сарчашмаҳои илмӣ таҳия кардааст, тариқи сарчашма нишон диҳад.

2. Дар матни автореферат хатогиҳои услубӣ ва техникӣ низ ба чашм мерасанд, ки онҳо ислоҳро тақозо менамоянд.

Камбудиҳои пешниҳодгардида ҷузъӣ буда, мазмун ва баҳои воқеии авторефератро таъғйир намедиҳанд. Масъалаҳои назариявӣ, методологии дар автореферат нисбатан пурра таҳқиқи илмӣ ёфтанд ва дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ мустақил будани муаллифро нишон медиҳад. Дар маҷмӯъ, таҳқиқи диссертатсионӣ дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа (дар мисоли заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта дорои хислату мазмуни илмию амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф Тешаев Мирзошариф Саидҷафарович сазовори дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** **Шарипов И.О.**

**735140, ш. Бохтар, кӯчаиАйнӣ, 67,**
**Тел. (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53.**
**www.ktsu.edu.ru,почтаи электронӣ: ktsu78.@mail. ru**

**Дурустии имзои Шарипов И.О.-ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷ.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС